*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 33 (4616) | ДУШАНБЕ, 6 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАИ ШОДБОШӢ

**Шашуми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Сотсиалистии Вйетнам Во Ван Тхионг номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**





**«Ҷаноби Олӣ!**

Шуморо ба муносибати интихоб шуданатон ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Вйетнам сидқан табрик менамоям.

Ба Шумо саломатии бардавом ва дар фаъолиятатон дар ин маснади пурмасъули давлатӣ комёбиҳо, ба мардуми дӯсти Вйетнам сулҳу субот ва рифоҳу шукуфоии рӯзафзун орзу менамоям.

Кишварҳои моро анъанаҳои деринаи дӯстӣ, муносибатҳои ҳамкории барои ҷонибҳо судманд ба ҳам мепайванданд.

Мо ба дурнамои робитаҳои Тоҷикистон ва Вйетнам диди нек дорем ва ҳамеша алоқаманди рушду таҳкими онҳо дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем.

Изҳори умед менамоям, ки бо саъю талошҳои муштараки ҷонибҳо ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳоямон минбаъд низ рушд ёфта, бо мазмуну муҳтавои нав ғанӣ хоҳанд гашт.

Аз ҷониби худ мо омодаем, ки ҷиҳати истифодаи муассири имкониятҳои дар ин самт мавҷуда тамоми тадбирҳои заруриро андешем ва ба муколамаи созандаи байнидавлатии миёни ҳар ду кишвар дар сатҳҳои олӣ ва баланд идома бахшем».

**www.president.tj**

## ДИПЛОМАТИЯИ ПАРЛУМОНӢ БА РУШДИ ТАМОМИ ШАКЛҲОИ ҲАМКОРӢ МУСОИДАТ МЕКУНАД

### Мусоҳиба бо раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ Фарҳод Раҳимӣ



**- Мехоҳам суҳбатро аз таърихи ташаккули муносибатҳои байнипарлумонӣ шурӯъ кунем...**

- Баъд аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ як муддат, ки идоракунии президентӣ боздошта шуда буд, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар як вақт вазифаи Роҳбари давлатро низ иҷро мекарданд. Аз ҳамон замон аллакай робитаҳои байнипарлумонӣ бо парламентҳои кишварҳое, ки дар он вақт истиқлолияти давлатии моро эътироф карда буданд, шурӯъ мешавад. Моҳи марти соли 1992 дар Созмони Милали Муттаҳид Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил эътироф гардид. Он вақт баъзе мушкилиҳо вуҷуд доштанд. Масалан, замони аввали соҳибистиқлолӣ ҳанӯз Парчами давлатӣ надоштем ва бо Парчами ҶШС Тоҷикистон кишвари тозаистиқлоламон муаррифӣ шуда буд. Моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки Ҳукумати конститутсионӣ ба фаъолият шурӯъ кард, Парчам ва Нишони давлатӣ қабул шуд. Дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ ҳам робитаҳои байнипарлумонӣ хуб ҷараён доштанд. Тамоми қонунҳое, ки баъд аз ба даст овардани истиқлолият қабул шудаанд, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои моделии кишварҳое буданд, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекардем. Масалан, бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз рӯзҳои аввал робитаҳои парлумонӣ хуб ба роҳ монда шуда буд. Пас аз ислоҳоти конститутсионӣ, ки парламенти кишвар дупалата шуд, робитаҳои парлумонӣ боз ҳам зиёдтар шуданд. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои байналмилалии байнипарлумонӣ шуд. Аз ҷумла, Маҷлиси миллӣ узви Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, ҳамчунин, бо Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Аврупо ҳамкории фаъол дорад. Инчунин, дар Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) шомил буда, фаъолияташ пурсамар мебошад.

**- Айни замон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чанд палатаи болоии парлумонҳои дигар кишварҳои ҷаҳон гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис додааст?**

- Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои хориҷиро дар асоси Консепсияи рушди муносибатҳои байнипарлумонии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Маҷлиси миллӣ аз 9-уми декабри соли 2020 таҳти №98 қабул шудааст, ба роҳ мондааст.

Айни замон Маҷлиси миллӣ бо палатаҳои болоии дигар кишварҳо 17 гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис дода, узви комилҳуқуқи 6 созмони байнипарлумонии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад. Ҳамаи аъзои Маҷлиси миллӣ шомили як ё якчанд гурӯҳи дӯстӣ ҳастанд.

**- Робитаҳои байнипарлумонӣ то ба сатҳи дипломатияи парлумонӣ ташаккул ёфт ва имрӯз мебинем, ки ҳамкориҳо танҳо дар самти қонунгузорӣ маҳдуд нашудаанд...**

- Бале, имрӯз дипломатияи парлумонӣ танҳо ҳамкорӣ дар самти ҳуқуқэҷодкуниву қонунгузорӣ набуда, дар ҳама самт фаъол аст. Масалан, танҳо соли 2022 чанд сафари хориҷии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои дигар сурат гирифта, ҳамчунин, мулоқоти зиёд бо роҳбарони идораҳои дипломатии кишварҳои дигар дар шаҳри Душанбе анҷом дода шуд. Аз ҷумла, дар соли 2022 мулоқоти Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Виктор Денисенко, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Халқии Хитой Ван И, роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Мерилин Йосефсон баргузор гардид.

Соли сипаришуда, ҳамчунин, сафарҳои расмӣ ва кории Раиси Маҷлиси миллӣ ба шаҳрҳои Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон, Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ашқободи Туркманистон, Москваи Федератсияи Россия анҷом дода шуд. Дар баробари ин, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко, Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев, Раиси Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон Соҳиба Ғафурова бо сафарҳои расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳангоми сафари раисони палатаҳои болоии парламентҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба Тоҷикистон Форуми VII байнипарлумонии «Тоҷикистон - Россия: неруи ҳамкориҳои байниминтақавӣ», ҷаласаи нахустини Комиссияи доимии ҳамкории байни Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сенати парламенти Қазоқистон, инчунин, ҷаласаи даҳуми Комиссия оид ба ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия доир гардид.

Зимни сафари расмии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон 3-4-уми марти соли 2022 Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон, ҳамчунин, ҳангоми сафари расмӣ ба Туркманистон 11-12 - уми майи соли 2022 Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Халқ Маслаҳати милли Генгеши Туркманистон ба имзо расид. 12-уми майи соли гузашта Раиси Маҷлиси миллӣ дар ҷаласаи якуми Форуми байнипарламентии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия «Ҳамкории байнипарламентӣ - ҷузъи ҷудонопазири муносибатҳои байнидавлатӣ» ширкат варзиданд.

Таҷрибаи навтарини мо, ки дар ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бори аввал рух дод, бастани созишномаи ҳамкорӣ бо Сенати парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон ва Милли Меҷлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон дар соли 2022 буд. Айни замон ду созишномаи дигар байни палатаҳои болоии парлумонҳои кишвари мо, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой бо роҳҳои дипломатӣ ба мувофиқа расида, барои имзо омода аст. Чунин созишнома бо Шӯрои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия низ дорем. Ин ҳам бори аввал аст, чунки дар таърихи ҳамкориҳои байнипарлумонӣ таҷрибаи бастани созишнома вуҷуд надошт. Бастани созишнома вазифадор мекунад, ки ҷонибҳо уҳдадор шуда, онро иҷро намоянд. Дувум, бо ҳар давлате, ки созишнома баста мешавад, нақшаи амал ва харитаи роҳ барои ҳар сол тасдиқ мегардад, ки дар он тамоми паҳлуҳои фаъолиятро, шурӯъ аз эҷоди қонунҳо то ҳамкориҳои дуҷонибае, ки барои кишварҳо судманд мебошанд, амалӣ месозем.

Робитаҳои байнипарлумонӣ имрӯз натиҷаҳои дилхоҳ дода истодаанд. Масалан, дар доираи ҳамкорие, ки бо Федератсияи Россия дорем, ҳар сол бо навбат дар кишварҳои ҳамдигар нишастҳои дуҷониба дар мавзӯи «Тоҷикистон - Россия: иқтидори ҳамкорӣ» ташкил мекунем. Дар доираи ин ҳамкорӣ тавонистем минтақаҳои кишварро бо ҳамдигар наздик кунем ва ҳамаи вилоятҳои мо шариконашонро аз Федератсияи Россия пайдо карданд. Тавассути чорабиниҳои байнипарлумонӣ қарордодҳо дар ҳама самти ҳамкорӣ баста, иҷрои онҳо назорат мешаванд. Нақшаи амал ва харитаи роҳ дар баробари гурӯҳҳои дӯстӣ, ҳамчунин, бевосита аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллӣ назорат мешавад.

17-уми майи соли 2022 мулоқоти маҷозии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо узви доимии Бюрои сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Хитой, Раиси Кумитаи доимии Маҷлиси умумихитойии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой Ли Чжаншу баргузор гардид.

Инчунин, 27 - уми апрел ва 22 - юми декабри соли 2022 раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ - камина ва Дилшод Раҳмон бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой Тзи Шумин мулоқот кардем.

**- Ҳангоми ба амал баровардани муносибатҳои байнипарлумонӣ истифода аз таҷрибаи ҳамдигар дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ чӣ гуна сурат мегирад?**

- Дар созмонҳое, ки мо узв ҳастем, ассамблеяҳои байнипарлумонӣ амал мекунанд. Дар он, пеш аз ҳама, моделҳои қонунҳои намунавӣ таҳия ва қабул мешаванд ва ҳар як кишвар, бо назардошти қонунгузории миллӣ, қонуни худашро таҳия мекунад, аммо дар чаҳорчӯбаи қонуни моделӣ ва истифода аз таҷрибаи якдигар.

Мо дар таҷрибаи давлатдориамон ду қонуни миллӣ дорем - қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки кишварҳои ҳамсояи дуру наздик таҷрибаи моро омӯхта, қонунҳои худашонро таҳия карданд. Вазифаи қонун, пеш аз ҳама, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба танзим даровардани фаъолият аст. Ифтихормандем, ки муаллифи ҳар ду қонун Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

### Иттилоърасонҳо бояд онро барои таҳкими сулҳу ваҳдат самаранок истифода намоянд

**Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, минтақабандии он, ки шаклҳои бештари ҳушдордиҳандаи таъсири иттилоотиро касб мекунад, зарурати нигоҳдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, таъмини амнияти онҳо моҳияти хоса касб кардааст. Сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатии хориҷӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатиро дар соҳаи иттилоот муайян менамояд.**

Амнияти иттилоотӣ, ки дар ҷаҳони муосир моҳияти он рӯзафзун гардидааст, маҷмӯи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотонии ҷомеа ва шахсони алоҳида буда, раванди дурусту қонунии бо он таъмин кардани аҳолӣ ба бехатарии фаъолияти технологияи навини иттилоотӣ вобастагӣ дорад.

Муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ». Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2020», «Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ин масъала дахл доранд.

Илова бар ин, ҳафтуми ноябри соли 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» содир гардида, дар асоси он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004 «Барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид.

Шоҳид ҳастем, ки имрӯз бадхоҳони миллату давлати тоҷик барои амалӣ намудани аҳдофи муғризона бештар аз расонаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, истифода мебаранд. Вазифаи асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ нисбат ба воситаҳои ахбори омма андешидани тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилие мебошад, ки дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма тавозуни манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлатро таъмин менамоянд.

Таҳия ва татбиқи шаклу усулҳои муосири кор бо воситаҳои ахбори омма ба ташаккул, рушд ва интишори арзишҳои маънавии ба манфиатҳо ва анъанаҳои фарҳангию таърихии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ боис мегарданд. Дар шароити кунунӣ воситаҳои ахбори омма бояд ба баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, дастгирӣ ва рушди анъанаҳо ва фарҳанги миллии асили Тоҷикистон мусоидат кунанд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо фаъолияти пурмаҳсули воситаҳои ахбори омма ва садоқату арҷгузории кормандони онҳо ба арзишҳои инсонӣ, давлатӣ ва миллӣ ниҳоят муҳим буда, дар ин замина имкон фароҳам меояд, ки ҳамчун воситаи воқеии ташкили муносибатҳо байни аҳолӣ ва ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа, инъикосгари манфиатҳои давлат, тиҷорат, рушди фарҳанг ва воситаи робитаи байни онҳо хизмат намоянд.

Воситаҳои ахбори оммаи муосир на танҳо рӯйдодҳои ҷаҳониро ба таври фаврӣ инъикос менамоянд, балки бештар бо таҳлили иттилоот ва мақсаднок ҷудо карда гирифтани он машғуланд. Ба туфайли ин воситаҳои ахбори омма воситаи пуриқтидори таъсиррасонӣ ба шуури одамон мебошанд. Ҳоло дар самти ҳифзи шаҳрванд ва ҷомеа аз иттилооти бардурӯғ ва беинсофонаи тариқи воситаҳои ахбори омма интишоршаванда мушкилот мавҷуд аст. Дар баъзе маврид воситаҳои ахбори омма вазифаҳои маърифатӣ ва вазифаҳои нигоҳдориву рушди фарҳанги миллиро пурра иҷро наменамоянд. Қобили зикр аст, ки ба аҳолӣ расонидани иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ низ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, барои табақаҳои васеи аҳолӣ дастрасии иттилооти воқеиро дар бораи рафти ислоҳоти иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, санаду меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ва хусусии шаҳрвандонро ба танзим медарорад, таъмин намудан зарур аст. Сиёсати иттилоотӣ бо сиёсати давлатии иттилоотии таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми амнияти иттилоотӣ, ки Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, зич алоқаманд аст. Низоми амнияти иттилоотӣ ба таъмини нигоҳ доштани сирри давлатӣ ва асрори дигар, ҳимояи захираҳои иттилоотӣ ва инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ аз таъсири иттилоотие, ки барои амнияти давлатӣ хатарнок мебошанд, равона шудааст. Масъалаи ҷиддие, ки таҳлили амиқ ва таваҷҷуҳи доимиро тақозо дорад, ҳимояи иттилоотӣ дар робита бо мубодилаи иттилоотии байналмилалӣ тавассути шабакаҳои байниминтақавӣ ва глобалӣ аст. Ин бесабаб нест, чунки дар марҳилаи кунунӣ таъсири воситаҳои ахбори омма тамоюли афзоишро касб намуда, дар заминаи рушди интернет шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз пеш таъсиргузоранд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки поварақи матолиби баъзе аз расонаҳо, хоса воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳое, ки ҳангомасозӣ дар онҳо меҳвар аст, ба майдони мубоҳиса табдил ёфтаанд. Мутаассифона, дар ин раванд аксар маврид назокату одоби баҳс сарфи назар шуда, онҳо моҳияти сиёсӣ касб менамоянд.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», мафҳуми «иттилоот» маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо ва фаъолияти иттилоотӣ маҷмӯи амалиёт барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ арзёбӣ шудааст. Қонуни мазкур меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоотро муқаррар менамояд, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро ба иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи иттилоот ва манбаъҳои онро таҳким бахшида, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрас намудани иттилоотро танзим ва ҳифзи онро таъмин, шахсият ва ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ муҳофизат менамояд.

Чун мавзӯъ «Асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотӣ» аст, бамаврид медонам аз принсипҳои асосии муносибатҳои иттилоотӣ ёдовар шавам. Ин принсипҳо аз ҳуқуқи кафолатнок ба иттилоот, ошкоро ва дастрас будани иттилоот ва мубодилаи озоди он, ҳаққонӣ ва саҳеҳ будани иттилоот, мукаммалӣ, саривақтӣ ва дақиқ будани иттилоот, қонунӣ будани гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот иборатанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



# ПЕШРАФТ БЕ САҲМГУЗОРИИ ЗАНОН ҒАЙРИИМКОН АСТ

**Сеюми марти соли равон дар толори китобхонаи Маҷлиси намояндагон бо иштироки вакилони парлумони касбии мамлакат, кормандони масъули дастгоҳи он дар мавзӯи «Ҷанбаҳои ҳуқуқии иштироки занон дар хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоиш баргузор гардид.**

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода иброз дошт, ки занон яке аз иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҷамъиятии замони муосир ба ҳисоб рафта, пешрафти аксари ҷанбаҳои ҳаёт бе иштироки онҳо ғайриимкон мебошад.

Бино ба гуфти ӯ, баробарии занону мардон дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 17) кафолат дода шуда, минбаъд дар тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуд. Тибқи меъёри Конститутсия, ба хизмати давлатӣ шаҳрвандон ҳуқуқи баробар доранд (моддаи 27). Гарчанде дар моддаи мазкур калимаи зан оварда нашуда бошад ҳам, шаҳрванд мафҳуми васеъ буда, фарогири ҳам ҷинси мард ҳасту ҳам зан.

Гуфта шуд, ки соли 1998 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули духтарон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат тибқи Квотаи президентӣ оғоз ёфт. Аз соли 1997 то соли 2011 тибқи Квотаи президентӣ 7211 духтари деҳоти дурдаст дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, пас аз хатми донишгоҳҳо ба соҳаҳои гуногун, аз ҷумла хизмати давлатӣ, ҷалб гардиданд.

Бо мақсади тарбияи занон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа сеюми декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба тасвиб расид. Дар фармони мазкур ба масъалаи тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Иштироки занони тоҷик дар паради низомӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти онҳо дар вазорату идораҳои қудратӣ, иштироки фаъоли занон дар намудҳои гуногуни варзиш, аз қабили бокс, футбол, камонварӣ, тирпаронӣ, собит сохт, ки занон низ дар баробари мардон дар пешрафти мамлакат ва ҳифзи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ саҳми бориз доранд, - зикр кард номбурда.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

## Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷиро муайян менамоянд, балки дурнамои рушди ояндаи соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа ва давлатро дар асоси таҳлилу баҳогузорӣ инъикос месозанд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи нашъаовар, ҷиноятҳои киберӣ, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он диққати махсус дода шудааст.**

# ТАЪМИНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАҲРВАНДОН - КАФИЛИ ОРОМИИ ҶОМЕА

Таҷриба исбот кардааст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Ҳоло барои инкишоф ва рушди мамлакат шароиту имконияти мусоид ва тадбирҳои муассир андешида шудааст, то ки шаҳрвандони кишварамон дар фазои орому осоишта зиндагӣ карда, дар рушд ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоранд.

Дар ин самт мо - кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кӯшиш ба харҷ медиҳем, то ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони мамлакатро таъмин намуда, барои боз ҳам фароҳам овардани фазои орому осоишта пайваста талош варзем, зеро меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо ташкил медиҳанд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки «пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо осир на танҳо ба як миллату давлат, балки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дошта, ба ноором̣иҳо дар гӯшаву канори олам боис гардидааст.

Ҳамчунин, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд».

Ба ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».

Мавриди зикр аст, ки ҳоло ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз ҷумла мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони кишвари моро ба ташвиш овардааст, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои динӣ - ифротӣ ва гурӯҳҳои тундраву моҷароҷӯ мебошад. Терроризм ва экстремизм дар замони мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки тахти таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон кишвари ҷавонон аст. Аз ин рӯ, соли 2022 «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027» қабул гардид. Дарки мафҳумҳое, ки барои пешрафти кишварамон замина мегузоранд, ҳар шаҳрвандро водор месозад, ки нисбат ба имрӯз ва ояндаи кишвари худ бепарво набошад.

Қарзи шаҳрвандии мо дар назди Ватан ҳимояи марзу бум, арзишҳои маънавию моддӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад. Дар Паём чунин таъкид гардид: «Ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он - сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бояд қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти ҷомеа бошад».

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тӯли 31 соли Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун ҳомии боэътимоди давлат ва ҷомеа аз бисёр имтиҳонҳову озмоишҳои сахту сангин бо матонату шуҷоат ва далериву мардонагӣ гузаштаанд. Шукрона мекунем, ки аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда мешавад.

Мо ба боварӣ гуфта метавонем, ки Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор намуда, барои пешрафту нумӯъ ва якпорчагии Тоҷикистони азизамон фидокорона меҳнат мекунем.

**Ҳабиб ҶУМЪАЗОДА, сардори ШВКД дар ноҳияи Балҷувон**

## Пешниҳод

**Дар нимаи дуюми асри XX зиёдшавии аҳолӣ лоиҳакашони инфрасохтори шаҳрҳоро водор сохт, ки роҳҳои ҳалли танзими нақлиёти мусофиркашро ҷустуҷӯ намоянд. Ҷудокунии хатҳои ҳаракати махсус ба нақлиёти ҷамъиятӣ, васеъкунии роҳҳо фақат як муддати кӯтоҳ самара доданду мушкилоти тамбашавии роҳҳо пурра ҳал нашуд.**

Он гоҳ муҳандисон дар баробари бунёди эстакадаҳо дар фикри бунёди роҳҳои танобӣ шуданд. Ин иқдом аз чанд лиҳоз бартарӣ доштанд. Якум, хароҷоти кам. Дуюм, аз лиҳози экологӣ тоза. Сеюм, бехатарӣ. Чорум, аз ҷиҳати суръати ҳаракат. Панҷум, иқтидори зиёди мусофиркашонӣ доштан дар муддати кӯтоҳ.

Омилҳои зикршуда боис шуд, ки роҳҳои танобӣ на танҳо бо мақсади сайру саёҳат, балки дар қатори автобус, трамвай, метро, қатораҳои барқӣ (электропоезд) ҳамчун нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ низ истифода шавад.

Оғози фаъолияти онҳо ба соли 1834 рост меояд, ки он вақт технологияи истеҳсоли кабелҳои пӯлодӣ (тросс) ба роҳ монда шуд. Соли 1866 дар шаҳри Шафҳаузени Швейтсария ҳаракати вагонҳои дорои ду ҷойро тавассути он ба роҳ монданд. Баъд аз ду сол дар Зеландияи Нав вагонҳое пайдо шуд, ки дорои 6 ҷой буда, мусофиронро аз тариқи роҳи танобӣ аз болои дарё мегузаронид. Соли 1873 дар Сан-Франсискои ИМА нахустин мошини кабелӣ («трамвайи ҳавоӣ») ба истифода дода шуд, ки то ҳол амал мекунад.

Аз солҳои 50 - уми асри XX сар карда, дар Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан Гурҷистон, Арманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон низ, сохтани роҳҳои танобӣ авҷ гирифт. То парокандашавии ИҶШС дар ҳудуди он 500 километр роҳҳои танобии боркаш ва садҳо мусофиркаш амал мекард.

Охирҳои асри XIX дар Аврупо ширкатҳои истеҳсолу насби роҳҳои танобӣ роиҷ шуданд. Яке аз онҳо ширкати «Doppelmayr»-и Австрия аст, ки соли 1892 таъсис ёфтааст. Соли 2016 ширкати мазкур истеҳсоли вагонҳои D Line - ро ба роҳ монд, ки дорои 200 навгонӣ ва 31 инноватсияи барои роҳати мусофирон пешбинишуда мебошад. Ҳоло дар Австрия, Хитой ва Россия (осоишгоҳи «Роза Хутор»-и Сочи) силсилаи роҳҳои танобӣ фаъолият доранд.

Бо рушди соҳа навъҳои гуногуни роҳҳои танобӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Масалан, дар Сингапур бори аввал дар ҷаҳон вагонҳои ба роҳҳои мазкур мувофиқро истеҳсол карданд, ки пурра аз шиша сохта шудааст.

Хизматрасонии роҳҳои танобӣ дар Рио-де-Жанейрои Бразилия арзонтарин дар ҷаҳон буда, роҳкирои он ҳамагӣ 1 риёл (ним доллар) аст. Ин рақам дар Чехия 1 доллару 20 сент, Исроил 19 доллар (ду тараф), Бастилияи Фаронса 6,8 евро, Сингапур 18,6 доллар (ду тараф) ва Арманистон 6 евро мебошад.

Масири роҳҳои танобии Рио-де-Жанейро дар ҷаҳон дарозтарин роҳи кабелии шаҳрӣ (се километру 456 метр) ба ҳисоб рафта, дар як соат ба ҳисоби миёна 3000 мусофир мекашонад. Он дорои 152 вагонча буда, аз соати 6-и субҳ то 21 фаъолият мекунад.

Дар шаҳри Меделинеи Колумбия моҳе тавассути роҳҳои танобӣ зиёда аз 1 миллион мусофир кашонида мешавад. Соле аз фурӯши чиптаҳои вагонҳои дар чунин роҳҳо ҳаракаткунанда 34 миллион доллар ба даст меояд. Харҷи ин иқдом барои як мусофир дар муқоиса бо нақлиёти автомобилӣ ду баробар кам аст.

Масалан, то бунёди роҳи танобии Нижний Новгород - Бор (Федератсияи Россия) мусофирон ин масофаро дар як соат тай мекарданд. Баъди ба истифода додани роҳи зикршуда хатсайри мазкурро мусофирон дар 12 дақиқа тай намуданд. Акнун моҳе тавассути он зиёда аз 2 миллион мусофирон ба мавзеи дилхоҳашон мерасанд.

Соли 1975 дар шаҳри Душанбе ба муносибати 30 - солагии Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ Боғи «Ғалаба» ва роҳи танобӣ ба истифода дода шуд. Соли 2012, бинобар фарсуда шудани таҷҳизот ва мавҷуд набудани қисмҳои эҳтиётӣ, ҳаракати он боздошта шуд.

Соли 2016 дар осоишгоҳи «Сафеддара»-и ноҳияи Варзоб, ки 70 километр аз пойтахт дур аст, яке аз муосиртарин хатсайри танобӣ дар Осиёи Марказӣ ба истифода дода шуд. Дарозии он 2 километр буда, мусофирон ин масофаро дар 7 дақиқа тай мекунанд.

Дар шаҳри Хуҷанд моҳи апрели соли 2019 роҳи танобии дарозиаш 1050 - метра мавриди истифода қарор гирифт. Хатсайри мазкур 35 метр баландтар аз болои дарёи Сир буда, ба мусофирон 47 вагон хизмат мерасонад.



# РОҲҲОИ ТАНОБӢ

## дар ин масир монеа вуҷуд надорад

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми декабри соли 2022 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда буданд: «Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд».

Хуб мешуд, ки бо ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ на танҳо дар пойтахт, балки дар шаҳрҳои Хоруғу Роғун, Кӯлоб ва Бохтар низ роҳҳои танобӣ сохта шавад, зеро бартариҳои иқтисодию экологии ин навъи нақлиёт дар бисёр кишварҳо исбот шудааст. Яке аз афзалияти мошинҳои кабелӣ дар он аст, ки барои кашидани хати онҳо замин аз истифода намебароянд. Хати ҳаракати онро аз болои боғу киштзор ва роҳҳои мавҷудаю минтақаҳои аҳолинишин низ кашидан мумкин аст. Ин намуди нақлиёт зудтар маблағи сарфшударо ҷуброн намуда, талабот ба сӯзишвориро коҳиш медиҳад.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

## Иттилоърасонҳо бояд онро барои таҳкими сулҳу ваҳдат самаранок истифода намоянд

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ эътироф шудаанд. Бояд мадди назар дошт, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», дигар давлатҳо, шаҳрвандони онҳо, шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ метавонанд субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ бошанд. Вақте субъектҳои муносибатҳои иттилоотиро шарҳу тавзеҳ додем, табиист, ки объектҳои муносибатҳои иттилоотӣ бояд аз мадди назар дур намонанд. Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, иттилооти ошкоршаванда дар бораи шахс, воқеаҳо ва падидаҳо дар соҳаи сиёсат, иқтисод, фарҳанг, илму техника, иҷтимоиёт, экология, соҳаҳои байналмилалӣ ва дигар соҳаҳо объектҳои муносибатҳои иттилоотӣ мебошанд. Сиёсати давлатии иттилоотӣ аз маҷмӯи самтҳои асосӣ ва усулҳои фаъолияти давлат ва дигар субъектҳо оид ба гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоот иборат мебошад.



Самтҳо ва усулҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

- ғамхории давлат ва дигар субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ дар бораи таъсиси саривақтӣ, фаъолияти зарурӣ ва рушди системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳо, махзан ва манбаи маълумот дар тамоми самтҳои фаъолияти иттилоотӣ;
- таъмини ворид шудани саривақтии шаҳрвандон ба иттилоот;
- дар асоси ғайриинҳисорӣ таъсис додани система ва шабакаҳои миллии иттилоот;
- таҳкими асосҳои моддию техникӣ, молиявӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва илмии фаъолияти иттилоотӣ;
- таъмини истифодаи самарабахши иттилоот;
- мусоидат ба навсозӣ, ғанигардонии доимӣ ва ҳифзи захираҳои миллии иттилоотӣ;
- ташкили системаи ҳифзи иттилоот;
- мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот ва кафолат додани мустақилияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сиёсати давлатии иттилоотиро мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин идораҳои дахлдори иттилоотӣ таҳия ва татбиқ менамоянд. Масъалаи бениҳоят муҳим дар ин раванд ҳуқуқ ба иттилоот ба ҳисоб меравад. Дар кишвари мо субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ ба имконияти озодона гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани маълумоте, ки ҷиҳати татбиқи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ, анҷом додани мақсад ва вазифаҳои онҳо заруранд, ҳуқуқ доранд. Вале муҳим он аст, ки татбиқи ҳуқуқ, ба иттилоот аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ набояд ҳуқуқҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, экологӣ ва дигар ҳуқуқҳо, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шаҳрвандон, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро вайрон кунад ва ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар оварад.

Коршиносон ба он назаранд, ки бегазанд будани амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба рукни асосии таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Ба ин андеша комилан ҳамфикрам. Бегуфтугӯ, бидуни мавҷудияти амнияти иттилоотӣ таъмини амнияти миллӣ имконнопазир аст. Маълум аст, ки дар ҷаҳони мутамаддин идеология ба силоҳи асосии мубориза дар ҳама ҷанба табдил ёфта, дар сурати оқилона ва фаврӣ истифода шудан ғолибияти ин ё он кишвар ва натиҷаҳои хуб додани дилхоҳ иқдомро таъмин менамояд. Моҳиятан зиракии сиёсӣ дарк ва ҳифзи манфиатҳои давлат мебошад. Мо дар замони пуртазод зиндагӣ мекунем ва мушоҳида мешавад, ки давлатҳои низоми сиёсиашон гуногун, ташкилотҳои байналмилалӣ баҳри амалӣ намудани «тарҳ»-ҳои худ беш аз пеш ҳавасманд ҳастанд, ки дар баъзе маврид бо манфиатҳои кишварҳои дигар, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор нест. Табиист, ки дар ин раванд таъмини ҳифзи иттилоот моҳиятан хеле муҳим аст. Тибқи талаботи моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот», муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқӣ ҳангоми таъмини ҳифзи иттилоот бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки категорияҳои иттилоотро аз рӯи дараҷаи дастрасӣ ба он муайян менамоянд, тартиби ҳифзи иттилоот, инчунин бо шартномаҳо ва созишномаҳое, ки байни субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ баста шудаанд, ба танзим даровара мешаванд. Субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ уҳдадоранд якдигарро оид ба хусусиятҳо, усулҳо ва шаклҳои коркарди иттилоот, ҳифзи он хабардор намоянд ва розигии молик ё дорандаи иттилоотро оид ба коркарди он гиранд. Ашхоси огоҳ хуб медонанд, ки гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ ва террористии трансмиллӣ худ аз худ пайдо намешаванд ва барои рӯи кор омадани онҳо ҳатман давлат ё ташкилоте ҳавасманд аст. Бо назардошти ин, барои тақвияту тавсеаи зиракии сиёсӣ, пеш аз ҳама, ташаккули тафаккури миллӣ, худшиносии миллӣ ва ғояи миллӣ зарур аст. Мо бояд ба дасисаву фиреби доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва суботи сиёсиро боз ҳам устувор гардонем. Масъулини воситаҳои ахбори омма ва гурӯҳҳои дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол вазифадоранд, ки манфиатҳои миллиро болотар аз дигар масъалаҳои моҳияти шахсиву гурӯҳидошта гузоранд, зеро далелҳои зиёде мавҷуданд, ки нашру пахши чунин матлаб ба афкори ҷомеа таъсири манфӣ расониданд. Ҳарчанд беасос будани онҳо бо истинод ба далелу рақам собит гардид, вале таъсири манфӣ дар афкори як қисми шаҳрвандон боқӣ мемонад. Дар ҷаҳони муосир, ки бархӯрди манфиатҳо рӯз то рӯз шадидтар мешавад, таъмини амнияти иттилоотӣ хеле муҳим мебошад. Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир метавонад номувофиқатӣ ва чун натиҷа мухолифати манфиатҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи иттилоот ба амал ояд. Ихтилофи манфиатҳо дар ин соҳа пайваста ба сурати мухолифати иттилоотӣ инъикос мегардад, ки он шаклҳои таҳдидро касб менамояд. Таҳдиди иттилоотӣ, ҳамчун амали тарҳрезишуда, аз истифодаи ҳадафноки восита ва усулҳои махсус барои таъсир ба захираҳои иттилоотӣ ва ҳимояи захираҳои иттилоотии худӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ё тактикии худ иборат аст. Фаъолиятҳои иттилоотии ҳадафноки берунӣ ё дохилӣ ва тадбирҳои хусусияти ғасбкунидошта метавонанд барои манфиатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарнок бошанд. Ин ҳолатҳоро метавон ҳамчун вазъияти махсус арзёбӣ намуд ва онҳо бояд зимни фаъолияти мо ба назар гирифта шаванд. Вазъияти махсуси иттилоотӣ дар иншооту ниҳодҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми пайдоиши хатари беруна, ғасби иттилоотӣ, ҳамчунин ҳангоми офатҳои табиӣ, ҳолатҳои фавқулода, амалҳои террористӣ, ҳолатҳое, ки бо амалҳои барои ҷомеа хатарнок ба вуқӯъ пайвастаанд ва ғайра ба миён оянд.

Хушбахтона, дар кишвари мо барои фаъолияти мақсадноку ширкати фаъолонаи журналистон дар инъикоси таҳаввулоти дар ҷомеа баамалоянда шароити мусоид фароҳам аст. Мутобиқи моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбори омма кафолат дода шудааст. Дар баробари ин, ҳуқуқу уҳдадориҳои журналистон ва ноширон дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи табъу нашр» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтаанд. Бояд зикр намуд, ки баъди як соли соҳибистиқлолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» қабул шуд. Ҳамон сол ва дар солҳои 1996, 1999, 2002 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда, такмил доданд. Дар баробари рушду такомули матбуот, бахусус, матбуоти мустақил, зарурати аз нав таҳия ва қабули қонуни нави матбуот ба миён омад. Бо дарки ин зарурат ва бо дарназардошти афкори ҷомеаи журналистӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳрири нав таҳия гардида, моҳи марти соли 2013 қабул шуд ва он аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон мусбат арзёбӣ гардид. Биноан, метавон гуфт, озодии сухане, ки дар Тоҷикистон айни ҳол вуҷуд дорад, дар бисёр кишварҳои минтақа дида намешавад ва он ба бандҳои дахлдори тавсияҳои Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқат мекунад.

Дар ҷомеаи демократӣ ҳадафи асосӣ аз таъсису ташкили воситаҳои ахбори омма тавассути воқеъбинона инъикос намудани фикру мулоҳиза, мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳли ҷомеа, таҳкими сулҳу субот, пойдорию устувории амният ва ваҳдати миллӣ мебошад. Умед дорем, ки иттилоърасонҳо неруи зеҳнии хешро минбаъд низ барои созандагӣ, ободиву осудагии Ватан ва таҳкими неъмати бебаҳо барои миллати соҳибтамаддуни мо сулҳу ваҳдат равона менамоянд.

**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло, «Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**«Ҳар қадар ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад».**

**Аз Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23-юми декабри соли 2022**

# ҚАРЗҲОИ СОҲИБКОРӢ ВА ИПОТЕКӢ

## Фоизи онҳо баъд аз таъкиди Роҳбари давлат паст мешавад?

**Мувофиқи маълумоти расмӣ, қарзи дар соли 2022 аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ додашуда 14,1 миллиард сомониро ташкил кард, ки дар муқоиса бо соли 2018-ум 85 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазор то ба 2 миллиону 336 ҳазор расид. Дар ин давра маблағи умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд.**

Бақияи пасандозҳои низоми бонкӣ то 31-уми декабри соли 2022-юм 15 миллиарду 507,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2021-ум 5 миллиарду 348,5 млн. сомонӣ зиёд аст.

Бо вуҷуди афзудани рақамҳо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки



ҳанӯз ҳам талабот дар самти рушди фаъолияти низоми бонкӣ ҷавобгӯй нест. Аз ҷумла: «Бонки миллӣ якҷо бо Вазорати молия, КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намоянд».

**СЕ БОНКИ МАВРИДИ ТАВАҶҶУҲИ ПРЕЗИДЕНТ ЧӢ ЧОРА АНДЕШИДАНД?**

Вобаста ба таъкиди Сарвари давлат мо бо масъулини Бонки миллии Тоҷикистон, КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк муроҷиат кардем.

Аз шуъбаи матбуоти Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди ҷалби пасандозгузорон иттилоъ доданд, ки бонки мазкур ба ташкилотҳои қарзӣ пайваста тавсия додааст, то дар самти ҷалби бештари маблағи озоди аҳолӣ ҳамчун пасандоз, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои интиқолии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар, чораҳои дахлдор андешанд. Ташкилотҳои қарзӣ низ як қатор корҳоро доир ба ҳавасманд кардани муштариён, аз қабили ҷорӣ кардани шаклҳои нави маҳсулоти пасандозӣ, аз ҷумла гузоштани маблағҳои интиқолгардидаи муҳоҷирон ба пасандоз, паҳн намудани варақаҳои таблиғотӣ, пахши аудиороликҳо бо пешниҳоди ҳавасмандкунанда, баланд бардоштани меъёри фоизи пасандозҳо, пешниҳоди хизматрасониҳои муосири бонкӣ, аз қабили ҳамёнҳои электронӣ, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ аз тариқи «QR-рамз», «бонкинги мобилӣ», ҳамкории зич бо низомҳои бонуфузи байналмилалии пардохтӣ ба сомон расонида истодаанд.

- Бо мақсади аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ паст кардани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт додашаванда дар Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2017 гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Аз ҷониби гурӯҳи мазкур таҳлилҳои зарурӣ дар самти муайян кардани меъёри фоизи қарз, истифодаи пурраи иқтидори ташкилотҳои қарзӣ ва коҳиш додани ҳиссаи хароҷоти дуюмдараҷа гузаронида мешаванд. Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз соли 2017 то охири соли 2022 меъёри миёнавазни қарзҳо бо пули миллӣ аз 28,18 фоиз то 23,34 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 21,05 фоиз то 11,97 фоиз паст шуд, - гуфтанд аз Бонки миллии Тоҷикистон.

- «Амонатбонк» дар иртибот бо иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон ба бонк доданд, чораҳои дахлнопазир андешида, фаъолиятро дар самти ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст кардани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, махсусан ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ ба роҳ мондааст, - гуфт муовини раиси бонки мазкур Шаҳло Сайфзода.

Аз «Амонатбонк» иттилоъ доданд, ки дар натиҷаи ба таври муосир ба роҳ мондани хизматрасониҳо бақияи амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ 4,9 млрд. сомониро дар соли 2022 ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 51,8 фоиз афзудааст. Аз ҷумла, пасандозҳои аҳолӣ зиёда аз 2 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 24,1 фоиз зиёд мебошад.

- Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба пасандоз ҷалб намудани маблағҳои интиқолии ба ҷумҳурӣ воридшаванда, пасандози муҳлатноки «Ҳамватани бурунмарзӣ» роҳандозӣ шудааст.

Ҳоло дар бонки мазкур 7 навъи пасандози 3-моҳа, 6-моҳа, 1-сола, 2-сола ва 3-сола, «Пасандозҳои то дархостӣ», «Пасандози кӯдакона», «Пасандози нафақавӣ», «Ҳамватани бурунмарзӣ», «Пасандози муҳлатнок», «Пасандози муҳлатнок бо пардохтҳои иловагӣ» ва «Пасандози ҷамъшаванда» мавриди истифодаанд, - иброз дошт номбурда.

Аз моҳи январи соли ҷорӣ дар «Амонатбонк» барои таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ 50 миллион сомонӣ қарз бо 10 фоизи солона пешниҳод шуд.

Алҳол пешниҳоди қарзҳои КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ба муштариён аз 18 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 4,5 то 10 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян шудааст.



Мувофиқи оиннома, самти афзалиятноки фаъолияти «Саноатсодиротбонк» дастгирии молиявии корхонаҳои саноатии навтаъсис, амалкунанда ва соҳибкорони инфиродии ба истеҳсоли молу маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда ба ҳисоб меравад.

Муовини якуми раиси раёсати бонки мазкур Азизшо Ғарибшозода дар мавриди дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфт:

- «Саноатсодиротбонк» бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравиро таҳия карда, онро бо фармоиши дахлдори раиси раёсати бонк тасдиқ намуд. Нақшаи чорабиниҳо аз 7 банд ва 15 зербанд иборат буда, дар доираи он тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Аз моҳи январи соли ҷорӣ қарзи «Имконият» барои фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба хариду фурӯши молу маҳсулот, хизматрасонӣ, ҳунарҳои мардумӣ машғул мебошанд, то 50 ҳазор сомонӣ пешниҳод шуда, фоизи солонааш 10 фоиз аст ва муҳлат то 18 моҳ мебошад.

Ҳамчунин, бонки мазкур навъи дигари қарзро бо номи «Кишоварз» бо мақсади хариди тухмӣ ва нуриҳои минералӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, пиллапарварӣ, сохтан ё васеъ гардонидани гармхонаҳои замонавӣ пешниҳод мекунад, ки то 500 ҳазор сомонӣ ва бо 18 фоизи солона дода мешавад. «Рушди истеҳсолот ва содирот» низ аз ҷумлаи қарзҳои пешниҳодкардаи «Саноатсодиротбонк» буда, меъёри фоизи солонааш 16 фоиз аст.

**ДИГАР БОНКҲО БА МУШТАРИЁН ЧӢ ПЕШНИҲОД МЕКУНАНД?**

Дар баробари бонкҳои зикршуда бо фоизи қарзҳои дигар бонкҳои кишвар низ шинос шудем.

«Бонки Эсхата» бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкории занҳо қарзи «Имкон»-ро то 500 ҳазор сомонӣ ба муҳлати то 24 моҳ ва бо фоизи солонаи аз 29 то 24 фоиз пешниҳод мекунад. Қарзи «Манзилӣ» барои таъмир ва сохтмони хонаи истиқоматӣ аз 10 ҳазор то 200 ҳазор сомонӣ ба муҳлати то 60 моҳ ва бо 36 фоизи солона, иловатан, дар ин бахш барои харидани хонаи истиқоматӣ аз 10 ҳазор то 350 ҳазор сомонӣ то 120 моҳ бо 26 фоизи солона дода мешавад.

ТАҚХ «Ҳумо» «Қарзи манзилӣ»-ро аз 40 ҳазор то 250 ҳазор сомонӣ ба муҳлати то 60 моҳ ва бо 30 фоизи солона медиҳад. Инчунин, «Ҳумо» «Қарз барои хоҷагии қишлоқ»-ро пешниҳод менамояд, ки барои киштукор дар деҳот ва «Старт Бизнес» нигаронида шуда, ба тоҷир имкон медиҳад, то воситаҳои асосии худро зиёд намояд. Қарзҳо бо фоизи солонаи 30 то 35 пешбинӣ шудаанд.

«Спитаменбонк» ҳам барои мизоҷон навъҳои гуногуни қарзро пешниҳод мекунад. Барои мисол, қарзи махсус бо номи «Ба тиҷорати хурд ва миёна» барои рушди тиҷорати хурд ва миёна то 3 миллион сомонӣ, ки аз 300 ҳазору як сомонӣ то 500 ҳазор сомонӣ бо 22 фоизи солона ва аз 500 ҳазору як сомонӣ то 3 миллион сомонӣ бо 20 фоизи солона мебошанд. Бонки мазкур бо доллари амрикоӣ ва бо 15 фоизи солона қарзи ипотекӣ пешниҳод мекунад.

Сокинон аз «Аввалин бонки молиявии хурд» ҳам барои соҳибкорӣ аз 20 то 27 фоизи солона то 3 миллион сомонӣ ва барои хариди хона бо 20 фоизи солона қарз гирифта метавонанд.

Дар баробари ин, «Бонки Арванд» ҳам қарз барои тиҷорат аз 25 то 36 фоизи солона ва барои манзил аз 28 фоиз пешниҳод мекунад.

**БА ҶОЙИ ХУЛОСА**

Дар кишвари мо қарз, бахусус қарзҳои ипотекӣ, то андозае дастнорас ҳисобида мешавад. Ба он маъно, ки аз сабаби баланд будани фоизҳо на ҳар муштарӣ аз хизматрасониҳои бонкӣ истифода карда метавонанд. Дар баробари ин, мавзӯи ҷалби пасандозгузорон, ки яке аз омилҳои асосии рушди кори бонкист, ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст.

Ҳоло дар кишвар фоизи миёнавазни қарзҳои ипотекӣ ба 20 фоиз баробар буда, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (20,6 фоиз) ба андозаи 0,6 банди фоизӣ камтар мебошад.

Дар баробари ин, масъулини Бонки миллии Тоҷикистон мутмаинанд, ки қарзи ипотекӣ дар ҷумҳурӣ чандон маъмул набуда, яке аз монеаҳои рушди он, агар қобилияти сусти пардохтпазирии аҳолӣ бошад, аз тарафи дигар надоштани манбаи арзону дарозмуҳлати қарздиҳӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ садди дигар маҳсуб мешавад, зеро яке аз сарчашмаҳои захираҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ пасандозҳои кӯтоҳмуҳлати (то 1 сол) ҷалбшуда ба ҳисоб мераванд. Номувофиқатии муҳлати захираҳои ҷалбшуда ва ҷойгиркунии онҳо метавонад боиси дар ташкилотҳои қарзӣ ба вуҷуд омадани хавфи пардохтпазирӣ гардад.

Бояд ёдовар гашт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини заминаи ҳуқуқии харидории манзили истиқоматӣ бо истифода аз институтҳои қарздиҳии бонкӣ ва ипотека Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» амал намуда, талаботи иловагӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ» ва «Тавсияҳо оид ба тартиби додани қарзи ипотекии манзил дар ташкилотҳои қарзӣ» танзим гардидааст.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

Зикри хайр



# АМРИ ДИЛРО БО ҚАЛАМ БА ҶО ОВАРД

**Ҳангоме ки пайки хуши таҳияи маҷмӯаи хотироти дӯстону шогирдон, дар бораи ҳаёту рӯзгори шодравон Бобоҷон Абдулвоҳидовро шунидам, дар оинаи хотиротам симои марде ҳувайдо гардид, ки бо ҷавонмардиву футувват, дилёбиву дилшиносӣ ва меҳру дӯстӣ дар ҷомеаи муосири мо шуҳрат ва шаъну эътибори хоса касб намудааст. Ӯ шахсе буд, ки беҳтарин вижагиҳои як инсони комилро дар худ таҷассум мекард. Беҳтарин фазилатҳои инсониро дар суҳбатҳои самимиаш, дар муомилаи некаш, дар гӯши суханшунаваш, дар салобаташ, дар поквиҷдониаш, дар таҳаммулу нармгуфториаш шоҳид будем.**

Номбурдаро аввалин маротиба соли 2001, замони дар курси дуюми факултети журналистика ва тарҷумонии ДМТ таҳсил намудан дида будам. Он вақт бо ташаббуси садорати факултет мулоқоти аҳли эҷоди рӯзномаи «Садои мардум» бо донишҷӯён доир гардида, маҳз ин ҳамоиш азми қисми зиёди онҳоро барои журналист шудан қавитар кард. Каме пас бо роҳнамоии устод Қироншоҳ Шарифзода якҷо бо ҳамсабақам Фарангис дар маросими таҷлили 10 - солагии рӯзномаи «Садои мардум» суханронӣ кардем. Ин вохӯрии дуюм бо қаҳрамони матлаб буд.

Соли 2002 бо ҳидояту дастгирии журналисти соҳибном Ҳуринисо Ализода, ки каминаи донишҷӯро дар яке аз конфронсҳои марбут ба журналистика рабтдошта ба истилоҳ «кашф карда буд», шомили тими «Садои мардум» шудам. Мулоқоти аввал бо сармуҳаррир Б. Абдулвоҳидов ва супориши якум ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотирам зудуда намешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки маҳфилу чорабиниҳои кормандон он вақт зиёд буданду сармуҳаррири рӯзнома гули сари сабад. Эътироф мекунам, ворид шуданам ба тими кормандони рӯзномаи «Садои мардум» чандон осон набуд. Ҳассостарин марҳила се моҳи санҷиш буд, ки бо дастгирии устодон Ҳ. Ализода, Қ. Шарифзода ва Қ. Мадалиев қадри имкон дар қолаби жанрҳои гуногуни журналистика матлаб иншо намудам. Табиист, ки марҳилаи фавқ зери назорати ҷиддии сармуҳаррир қарор дошту бо назардошти натиҷаи фаъолиятам дар бораи корманди рӯзномаи «Садои мардум» гардиданам фармон баромад.

Дар марҳилаи аввали корӣ борҳо аз маслиҳат ва дастгириҳои беғаразонааш бархӯрдор будам. Ӯ хислати хубе дошт: мақолаҳои журналистони ҷавони рӯзномаро хонда, беғаразона таҳлил мекард. Агар сарлавҳаашро дигар карданӣ шавад, муаллифро даъват карда, сабаби ивазшавии онро мефаҳмонд. Сабку услуби навишти муаллифонро нигоҳ медошт. Кӯшиш мекард, ки мақолаҳоро бозпас нагардонад.

Тарзи роҳбарии номбурда ва муносибаташ ба кору фаъолият вижагиҳои худро дошта, дар ин замина, мутахассисони ҷавонро рӯҳбаланд месохт. Муҳим он аст, ки сармуҳаррир байни иштибоҳи корӣ, хунукназарӣ ва бепарвоӣ фарқият мегузошту пешниҳодҳояш баҳри ислоҳи онҳо ибратбахш буд. Дар ин давра шоҳиди суҳбатҳо, нутқу суханрониҳои номбурда будем. Саҳеҳияти баёну ифоданокии каломаш шоистаи таҳсин буд. Бо забони нобии тоҷикӣ ва мувофиқ бо меъёрҳои гуфтори адабӣ сухан мекард. Табиӣ ва ҳадафнок, бидуни истифода аз шева.

Вижагии дигари Б. Абдулвоҳидов журналисти соҳибқалам буданаш маҳсуб мешавад. Бо вуҷуди сармуҳаррир будан аз иншои матолиби гуногунжанр даст накашид, баръакс яке аз журналистони фаъол буд, ки масъалаҳои гуногунро мӯшикофона ба риштаи таҳлил мекашид. Касбияти камназир, донишу фаросати воло, ҳисси баланди ватандӯстиву масъулиятшиносӣ имконият фароҳам овард, ки беҳтарин очерк, мақолаву гузоришҳои ҷолиб эҷод кунад.

Ба маънои томаш аз зумраи журналистони соҳибкасбу соҳибном буд. Умрро сарфи хидмати миллат намуд, баҳри ободии Меҳан талош варзид. Нафаре буд, ки баҳри бо некӣ мондани номаш шабу рӯз заҳмат мекашиду то вопасин лаҳзаи зиндагӣ дар сангари мардонагӣ қарор дошт. Меъёри асосие, ки ӯ қадр мекард, ин хоксорӣ ба ҳисоб мерафт. Нисбат ба зердастонаш на танҳо сахтгиру серталаб, инчунин, ҳалиму меҳрубон буд. Дар мавриди ғамхориҳояш мисолҳо хеле зиёданд, аз дастгириву таваҷҷуҳи ӯ ашхоси зиёде баҳравар буданд.

Бобоҷон Абдулвоҳидов, ки табиатан масъулиятшиносу сермаҳсул ва худогоҳу меҳандӯст буд, табиист, ки аз дигарон низ ҳаминро талаб мекард. Яке аз вижагиҳои дигари номбурда баробари хеле ҷиддӣ ва сахтгириаш, зиндадил буданаш маҳсуб мегардид. Ҳазлу мутоибаҳои қаҳрамони матлаб камназир буда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба хотири болида сохтани хотири ҳамсуҳбатонаш садо медод.

Аз давраи роҳбариаш дар рӯзномаи «Садои мардум» барҷалост, ки ҳамчун роҳбар шахси кордону варзида буд. Маҳз бо ибтикори ӯ дар рӯзномаи «Садои мардум» қаламкашони дар журналистика тавонманд ва дар ҷомеа маҳбубу муътабар ҷамъ омада буданд. Бо як нигоҳ ба бастаҳои солҳои аввали рӯзномаи «Садои мардум» метавонем ба ин гуфтаҳо итминон пайдо кунем.

Замони роҳбарии Б. Абдулвоҳидов ба рӯзномаи «Садои мардум» қаламкашоне ба кор ҷалб гардиданд, ки алъон аз зумраи соҳибмактабон ва номбардорони журналистикаи тоҷиканд. Ба ҷуз ҳирфавият дар вуҷуди ҳар як корманди интихобкардаи ӯ ҳисси худшиносиву меҳанпарастӣ ҷӯш мезад ва тавре аксарият мегӯянд, ягона хоҳишаш аз кормандон ҳамин будааст, ки танҳо доири баҳамоии миллат нависанд.

Рафтору гуфтору амалҳои сармуҳаррир барои ҳар як инсони дорои ақлу заковат мактаби бузурги ахлоқи ҳамида, одоби баланди инсонӣ буд. Ҳатто сухани одитаринаш, ки гирди лабони пур аз табассумаш нақш мебаст, кулли ҳамдигарнофаҳмиро рафъ мекард.

Хушбахтона, рӯз то рӯз ба шарофати сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар сулҳу ваҳдати комил пойдор асту зиндагӣ рӯз то рӯз беҳбудӣ меёбад. Дар ин радиф мақому манзалати рӯзномаи «Садои мардум» низ тамоюли болоравиро касб намуда, сафи хонандагонаш рӯ ба афзоиш аст.

Итминони комил дорам, ки рӯҳи собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Бобоҷон Абдулвоҳидов ин ҳамаро мебинаду меболад ва мефахрад...

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

# ЧАРО МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ МАБЛАҒИ ИСТИФОДАИ БАРҚРО ПАРДОХТ НАМЕКУНАНД?

**Афзоиши қарзи истифодаи неруи барқ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва сари вақт напардохтани он дар ноҳияи Восеъ аз мушкилотест, ки кормандони Шабакаҳои барқи ноҳияро нигарон кардааст. То 25-уми январи соли 2023 қарзи истифодаи неруи барқ аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳои буҷетӣ дар ноҳия ба 980 ҳазор сомонӣ расидааст. Сабаб чист?**



Тавре аз Шабакаҳои барқи ноҳия иттилоъ доданд, алҳол қарзи Беморхонаи марказӣ 108 000 сомонӣ, Шуъбаи фарҳанг - 107 000, КВД фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - 265 000, Идораи обу деҳот - 200 000, Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ - 5 миллиону 670 ҳазор ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 254 ҳазору 732 сомонӣ мебошад.

Сармуҳандиси КДФ «Таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партоб» - и ноҳия Баҳром Самадов дар суҳбат изҳор дошт, ки яке аз сабабҳои афзудани қарз ба тавозуни корхона гузаронидани Идораи обу деҳоти ноҳияи Восеъ мебошад.

- Ин қарз аз солҳои пешин аст. Ҳар моҳ маблағи истифодаи барқро пардохт мекунем. Ҳоло бо 2700 сокини ноҳия шартномаи тарафайн дорем. Дар сурати пайдо шудани маблағ қарзи истифодаи барқро пардохт мекунем, - гуфт ӯ.

Аҳмадхон Атоев, роҳбари техникии ФҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Кӯлоб гуфт, ки қарзи барқ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар шаҳру минтақаи Кӯлоб боиси ташвиш мебошад. Зикр шуд, ки ҳар моҳ аз буҷети ноҳияи Восеъ 100 ҳазор сомонӣ пардохт мегардад, ки ноҷиз аст.

Соли 2022 ҷамъоварии маблағи истифодаи неруи барқ аз аҳолӣ дар ноҳияи Восеъ 87,3 фоизи нақшаро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта, 4 фоиз зиёд мебошад. Дар маҷмӯъ, ин нишондиҳанда ба 73,4 фоизи нақша баробар аст.

Соли 2022 кормандони Шабакаҳои барқи ноҳияи Восеъ 3 ҳазору 700 ҳисобкунаки барқии индуксиониро ба электронӣ иваз карданд. Илова бар ин, оид ба сарфакорона истифода кардани неруи барқ мутахассисони Шабакаҳои барқи ноҳия пайваста корҳои санҷишӣ мегузаронанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

# ШАҲРИНАВ: КОРХОНАИ ПАРАНДАПАРВАРӢ БУНЁД МЕГАРДАД

**Дар доираи нақша - чорабиниҳои 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳоти ба номи Акрам Ҳасанови ноҳияи Шаҳринав то моҳи декабри соли 2024 корхонаи хурд барои парвариши 200 ҳазор сар мурғи гӯштӣ бунёд мешавад.**

Бино ба иттилои маркази матбуоти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав, корхона аз ҷониби соҳибкор Абдуқаҳҳор Шодиев дар масоҳати 0,80 гектар бунёд мегардад.

Раиси ноҳияи Шаҳринав Абдуқодир Ваҳизода зимни боздид аз ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар корхонаи мазкур ба соҳибкор барои иқдоми созандааш дар партави дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ намуд.

Корхонаи мазкур аз чор коргоҳ иборат буда, сехи якуми он барои парвариши 50 ҳазор сар мурғи гӯштӣ дар моҳи марти соли равон омода мегардад.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

# ҲАМОИШИ ЯКҶОЯ ОИД БА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Чанде пеш ширкати «Синзян Инхай Ko Ltd дар Тоҷикистон» ва Институти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва иловагиҳои Академияи илмҳои кишоварзии Хэнан ҳамоиши якҷояро оид ба кумаки навбатии илмӣ-техникӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар шаҳри Душанбе баргузор намуданд.**



Зикр гардид, ки тӯли се соли охир дар Тоҷикистон технологияи ҳифзу нигоҳдорӣ, консервакунӣ ва коркарди сабзавоти барвақтиро бо услуби хитоӣ кормандони Институти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва иловагиҳои Академияи илмҳои кишоварзии Хэнан дар шаҳри Душанбе татбиқ намуданд. Таъкид шуд, ки технологияи хитоии ҳифзу нигоҳдорӣ ва консервакунии сабзавот муҳлати нигоҳдории сабзавот ва самаранокии иқтисодии онро собит намуд.

Дар натиҷаи коркарди аввалияи навъҳои гуногуни сабзавот занҷираи истеҳсолӣ васеъ ва арзиши ниҳоии маҳсулот, ки дар миёни аҳолӣ маъруфанд, боло бурда шуд.

Омӯзиши техникии масъалаи мавриди назар низ васеъ ҷараён гирифта, кормандони техникӣ ҳангоми татбиқи лоиҳа оид ба нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот донишҳои назариявӣ ва амалиашонро васеъ карданд. Ҳамчунин, санадҳои меъёрӣ ва техникии дар ҷараёни татбиқи лоиҳа тасдиқ ва ба тасвибрасида барои консервакунонии васеъмиқёс, нигоҳдорӣ ва коркарди сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам овард.

Иштирокдорони ҳамоиш ҳамфикр буданд, ки татбиқи лоиҳаи зикршуда на танҳо ба ҳалли мушкилоти парваришу коркарди саноатии сабзавот, балки ба рушди соҳаи сабзавотпарварӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуда, мисоли равшани ибратомӯзи ҳамкориҳои кишоварзии Тоҷикистону Хитой барои оянда хоҳад буд.

**А. МУРОДОВ, «Садои мардум»**

